# ҚАРОРИ

## Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА.026-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

аз 24 июни соли 2021 ш. Душанбе

Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА–026 ҳимояи диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадовичро дар мавзӯи «Фалсафаи забон: (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа (роҳбари илмӣ –доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Зиёев Идибек Ғозиевич), бо тақризи муассисаи пешбар –Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, тақризҳо ва баромади муқарризони расмӣ: доктори илмҳои фалсафа, профессор Сайфуллоев Нигматулло Мирзоевич, номзади илми фалсафа дотсент, Сулаймонов Баҳманёр Саидиҳсонович, инчунин баромади мутахассисон доир ба мавзӯи баррасишаванда ва муқарризони ғайрирасмӣ: д.и.ф, профессор Қодиров К.Б., д.и.ф., профессор Назариев Р.З., д.и.ф., профессор Саид Н.С., д.и.ф., профессор Ахмедов С., дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулнамудаи Шӯро оид ба диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадовичро, инчунин дурустии навгониҳои илмӣ, аҳамиятнокии хулосаҳои диссертатсия ва натиҷаи маводи чопиро шунидаю муҳокима намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Каримов Кароматулло Давламадович дар мавзӯи «Фалсафаи забон: (дар мисоли забони тоҷикӣ аз асрҳои миёна то имрӯз)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа, ҷавобгӯйи талаботи пешниҳоднамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба диссертатсияҳои илмӣ, мувофиқи Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми ноябри соли 2016 таҳти №505 тасдиқ шудаанд.
2. Маводи чопнамудаи муаллиф пурра мазмуну моҳияти диссертатсияро инъикос менамояд.
3. Каримов Кароматулло Давламадович барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.
4. Аз КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда мешавад, ки Каримов Кароматулло Давламадович бо дипломи

дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа, аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа сарфароз гардонида шавад.

Кӣ тарафдори қабули ҳамин қарори Шӯрои диссертатсионӣ ҳаст, хоҳишмандам мавқеашро муайян намояд. Тарафдор – 14 нафар, Муқобил нест, Бетараф нест. Якдилона қабул карда шуд.

Раиси Шӯро: иҷозат диҳед диссертантро барои бо муваффақият ҳимоя намудани диссертатсия табрик ва аъзои шӯроро барои фаъолияти бобарор ташаккур гӯям. Бо ҳамин ҷаласаи шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, профессор — Аҳмадов С.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ, доктори илмҳои фалсафа, дотсент — Худойдодзода Ф.Б.

24.06.2021